«*Тасдиқ мекунам*»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои таърих, профессор
Убайдулло Н.К.
«02» июни соли 2022

**Хулосаи**

Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Қурбонова Ширин Исмоиловна «Фаъолияти ҳизби Халқӣ-демократии Тоҷикистон дар солҳои 1994-2017», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ).

Рисолаи илмии «Фаъолияти ҳизби Халқӣ-демократии Тоҷикистон дар солҳои 1994-2017» дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шудааст.

Унвонҷӯ Қурбонова Ширин Исмоиловна, соли таваллудаш 1957, соли 1982 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро хатм кардааст, соли 1993 рисолаи номзадиро дар мавзуи «Кучонидани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва азхуд намудани заминҳои навкорам дар водии Вахши Тоҷикистон (солҳои 1924—1941) дифоъ намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2015 дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи магистратура, аспирантура ва докторантураи Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Рисолаи илмии унвонҷӯ Қурбонова Ширин Исмоиловна дар мавзуи «Фаъолияти ҳизби Халқӣ-демократии Тоҷикистон дар солҳои 1994-2017» дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ муҳокима ва барои дифоъ пешниҳод карда шудааст.

Дар муҳокима ширкат намуданд: Ғафуров А.М., мудири шуъба, номзади илмҳои таърих, дотсент, Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих, профессор, Ҳотамов Н.Б., доктори илмҳои таърих, профессор, Абдурашитов Ф., доктори илмҳои таърих, ходимони илмии шуъба Каримова Р., Мирзоев Ҷ., Акрамов М, номзадҳои илмҳои таърих, Исматзода Ш., Олимова Ш., ходимони илмӣ.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи Қурбонова Ш.И. хулосаи зерин пешниҳод шуд:

**Мубрамияти мавзуъ** Ҳизби Халқии демократии Тоҷикистон дар замони барои Тоҷикистон хеле душвору тақдирсоз ба фаъолият шурӯъ намуда, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ барои устуворию пойдории сулҳ кӯшиш ба харҷ дода, ҳадафи асосиаш ваҳдату ягонагӣ, таъмини ояндаи неки кишвар ба шумор мерафт.

Мақсади таъсис додани Ҳизби Халқии демократии Тоҷикистон муттаҳид намудани он нерӯи пешқадам ва тавонои ҷумҳурӣ буд, ки ба хотири барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ҷомеаи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мутараққиро таъмин намуда, манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистонро ҳимоя карда тавонад. Мо имрӯз аз дастовардҳои он натиҷагирӣ намуда, мебинем, ки ин ҳизб ба калонтарин ва бонуфузтарин ҳизбикишвар мубаддал шудааст.

Дар ҳифзу таҳкими ваҳдати миллӣ, пешрафти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар Ҳизби Халқии демократии Тоҷикистон низ нақши муассир дорад. Ғояҳои ин ҳизби мардумӣ бо ҳадаф ва сиёсати Ҳукумати кишвар созгор буда, тайи бештар аз ду даҳсолаи фаъолият шиори «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори Иқтисодӣ ва зиндагии щоистаи мардум!»-ро дар амал тадбиқ намудааст

Ҳизби Халқии демократии Тоҷикистон дар тӯли таърихи соҳибистиқлолии кишвар собитт намуд, ки ҳизби пешбарандаву созанда, бунёдкор ва воқеан ҳам мардумӣ аст.

Густариш ёфтани мавкеи сиёсии он дар чомеа ва афзоиши хамешагии аъзову чонибдорони ин хизб гувохи боварию садокати мардуми саодатманди кишвар ба Хизби Халкии демократии Точикистон мебошад.

Рисолати Хизби Халкии демократии Точикистон бехтар кардани шароити зиндагии мардум, тахким бахшидани сулху вахдат ва истиклолият буда, ба бисёр пешрафтхои бузурги иктисодию ичтимоӣ ноил гардидааст, ки мубрамияти омӯзиши онро афзун мекунад.

**Сахми шахсии муаллиф дар натичагирии мавзуъ** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъхои муътамад, шумораи зиёди асархои нашргардида доир ба фаъолияти ХХДТ бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ тахлили мачмӯии тахкикоти мазкурро анчом додааст. Дар натичаи омӯхтани фаъолият ва пахлухои хамачонибаи ХХДТ роххои минбаъдаи такмилёбӣ ва ташаккули онро дар оянда муайян кардааст.

Рочеъ ба дарачаи омухта шудани мавзуъ бояд зикр намуд, ки мавзӯи мазкур актуалӣ буда, то ин дам диккати мухаккикон ва зиёиёнро ба худ чалб намудааст. Вале мавзӯи тахкикшаванда аз чониби олимону донишмандони соха ба таври максаднок ва комплексӣ омӯхта нашудаст, ки фикр дар мавриди тахлили асархои мавчуда аз чониби муаллиф асоснок карда шудааст.

**Максад ва вазифахои тахкикоти** дисертатсионӣ тахлили мачмӯии таърихнигории инъикоси таърих ва фаъолияти Хизби Халкии Демократии Точикистон дар тӯли солхои 1994-2019 ба хисоб меравад ва муаллиф бо мохирона муайян намудани вазифахо тавонистааст, ки мавзуро пурра кушояд ва тамоми пахлухои фаъолияти хизбро нишон дихад.

**Навгонии илмии рисолаи Курбонова Ш.И.** дар он зохир мегардад, ки бори нахуст дар шакли рисолаи илмӣ дар таърихнигории ватанӣ тахкикоти дисертатсионие пешниход мегардад, ки фаъолияти ХХДТ-ро пурра ва ба таври академӣ фаро мегирад. Ба муаллиф муяссар шудааст,

ки ҳамаи масъалҳои ба таъсис, фаъолият ва дастовардҳои ҲНДТ марбутаро возеҳу равшан ва бо такба сарчашмаҳои муътамад баррасӣ намояд. Диссертант ба хулосае омадааст, ки маҳз бо туфайли фаъолияти амалӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳифз ва нигоҳ дошта шуд, бисёрҳизбӣ дар ҷомеа, ки асоси ҷомеаи демократиро ташкил медиҳанд ба вуҷуд омад, тамоми аҳзоби сиёсӣ озодона фаъолият доранд, матбуоти давлатӣ ва хусусӣ фаъолият доранд ва муҳимтар аз ҳама Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари демократӣ, ҳуқуқбунёд ва соҳибихтиёр тамоми сангарҳои дар наздаш будаpo паси сар намуд ва то ба имрӯз ба пешравиҳои бузург ноил гардид.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон баҳри муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама ҲНДТ кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро дар зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба фаъолияти ҲНДТ дар солҳои 1994-2019 зимни хондани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраи истиқлолият” метавон истифода кард. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Хулосаҳои умуминазариявии таҳқиқоти дисертатсионӣ ба маърифати амиқи зарурияти нигоҳдошти муттасилӣ ҳангоми банақшагирии барномаҳои минбаъдаи ҲНДТ имкон медиҳанд.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат, махсусан фаъолияти минбаъдаи ҲНДТ имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои

диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

Рисолаи илмии Қурбонова Ширин Исмоиловна «Фаъолияти ҳизби Халқӣ-демократии Тоҷикистон дар солҳои 1994-2017», ҷавобгуи талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ) тавсия карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ширкат доштанд – 9 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 6 аз 02 июни соли 2022.

Мудири шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент — Ғафуров А.М.

Котиб — Олимова Ш.